АГЕНТИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ "ТОҶИКАЭРОНАВИГАТСИЯ"

АГЕНТСТВО ГРАЖДАНСКОЙ АВИАЦИИ ПРИ ПРАВИТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ "ТАДЖИКАЭРОНАВИГАЦИЯ"

# ФАРМОИШ

# ПРИКАЗ

18.04.2023с ш. Душанбе № 83/а

Дар бораи тасдиқ намудани нақшаи чорабинихои иҷрои Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар КВД «Тоҷикаэронавигатсия» барои солҳои 2022-2030 дар соли 2023

Бо мақсади дар корхона амалисозии самараноки мақсад ва вазифаҳои дар Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинигардида ва иҷроиши банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №222 аз 03.08.2021 тасдиқ гардидаанд,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳои иҷрои Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар КВД «Тоҷикаэронавигатсия» барои солҳои 2022-2030 дар соли 2023 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни кормандони Корхона оид ба дарки моҳият ва ҳадафҳои ин санади миёнамуҳлати барномавӣ дуруст ба роҳ монда шавад.
3. Ҳама шахсони барои иҷроиши бандҳои нақшаи чорабиниҳои болозикр масъул иҷроиши саривақтӣ ва босифати онро таъмин намуда, аз натиҷааш дар мухлатҳои муқарраргардида маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба худ вогузор менамоям.
5. Мухтавои фармоиш ба шахсони дахлдор расонида шавад.

*Асос: мактубҳои Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати ҶТ №2(5)-203 аз 29.03.2023.*

Директори генералӣ Бегиҷонзода Л.Б.

Иҷр.: ШШҲ

Бо фармоиши директори генералии
КВД «Тоҷикаэронавигатсия»
№ 83/а аз «18» 04 2023
тасдиқ шудааст

Нақшаи чорабиниҳои иҷрои Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ дар КВД «Тоҷикаэронавигатсия» барои солҳои 2022-2030 оид ба татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар соли 2023

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Масъул |
|---|---|---|---|
| 1 | Муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани сомонаи расмӣ | май | Сардори шуъбаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ, сардори маркази матбуот |
| 2 | Дар сомонаи расмӣ ҷой додани хабару маълумот оиди муқовимат ба коррупсия ва чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ дар корхона | мунтазам | Сардори маркази матбуот |
| 3 | Мунтазам гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) | мунтазам | Сардори шуъбаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ, сардорони сохторҳо |
| 4 | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолияти касбӣ ҳамчун чораҳои муассири зиддикоррупсионӣ | мунтазам | Сардори раёсати кадрҳо ва меҳнат |
| 5 | Пешбинӣ намудани воҳиди алоҳидаи штатии мутахассиси харид, гузаронидани такмили ихтисоси мутахассис дар мақомоти ваколатдори хариди давлатӣ | май | Сардори раёсати кадрҳо ва меҳнат |
| 6 | Таҳия ва пешкаши ҳуҷҷатҳои ҳисоботии муҳосибавӣ ба сохторҳои дахлдори назоратӣ | ҳармоҳа, семоҳа, солона ва нақшавӣ | Сармуҳосиб |
| 7 | Ба роҳ мондани омӯзиши иловагии қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва тақвият бахшидан ба раванди муқовимат ба коррупсия бо ҷалби | ҳар семоҳа | Сардори шуъбаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мутахассисони соҳа | | |
| 8 | Ташкил намудани курсҳои таълимии забонҳои хориҷӣ барои кормандон | мунтазам | Сардори маркази таълимии авиатсионӣ |
| 9 | Гузаштан ба низоми пурраи пардохтҳои ғайринақдӣ | зина ба зина | Сармуҳосиб |
| 10 | Гузариш ба шакли электронии нигаҳдории ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва молиявӣ ва ташкили феҳристи ягонаи нигаҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ | доимӣ | Сармуҳосиб, сардори шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ |
| 11 | Ҷорӣ намудани баргузории озмунҳо ва дар сомонаи корхона ҷойгир намудани эълони озмунҳо барои ишғоли ҷойҳои холӣ ва назорати рафти иҷрои он. Пешбинӣ намудани қабули ҳуҷҷатҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ дар шакли электронӣ | дар арафаи қабули кормандон ба ҷои кори холӣ | Сардорони раёсати кадрҳо ва меҳнат, маркази матбуот, шуъбаи технологияи иттилоотӣ |
| 12 | Пурра гузаштан ба коргузорӣ ва назорати гардиши электронии дохилиидоравии ҳуҷҷатҳо | июн | Сардорони шуъбаи умумӣ |
| 13 | Таҳия ва танзими ҳуҷҷатҳои ҳисоботии муҳосибавӣ дар дохили корхона | ҳамарӯза | Сармуҳосиб |
| 14 | Гузариши пайдарпаи корҳои муҳосибавӣ ва ҳисоботӣ ба низоми ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ ва шаффофи корбарӣ | давоми сол | Сармуҳосиб |
| 15 | Коркарди барномаҳои мусоиди корӣ барои вусъатбахшии масъулиятшиносии шахсӣ, назорати шаффофияти амалиётҳои пуливу молӣ дар корхона | пайваста | Сармуҳосиб, сардорони сохторҳо, мутасаддиёни амалиётҳои пуливу молӣ |
| 16 | Ба роҳ мондани назорати доимии раванди банақшагирии фонди музди меҳнат ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, ҷубронпулиҳо, аз ҷумла варақаҳои корношоямӣ ва пардохти андози иҷтимоӣ, инчунин ба роҳ мондани мониторинги ҳармоҳаи пардохтҳои болозикр | доимӣ | Аудитори дохилӣ, сармуҳосиб |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 17 | Назорати доимии фаъолияти сармуҳосиб вобаста ба интиқоли маблағҳо ба кортҳои пардохтӣ ва корпоративӣ ҳангоми пардохти музди меҳнат ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, пардохти ҳамагуна андозҳо ва ҷубронпулиҳо, аз ҷумла варақаҳои корношоямӣ ва маблағҳои иттифоқи касаба | доимӣ | Аудитори дохилӣ |
| 18 | Ба бонки хизматрасони лоиҳаи музди меҳнат пешниҳод намудани маълумот дар бораи аз кор озод шудани корманд ва корти пластикии онҳо дар давоми 5 рӯзи корӣ | доимӣ | Сармуҳосиб, сардори РКваМ |
| 19 | Ташвиқ ва ба роҳ мондани хизмтарасонии СМС-паёмаки даромаду хароҷоти кортҳои бонкии лоиҳаи музди меҳнати кормандон | июн | Сармуҳосиб |
| 20 | Пурра худорӣ намудан аз истифодаи кортҳои корпоративӣ барои пардохти музди меҳнат ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин пардохти ҳамагуна андозҳо ва ҷубронпулиҳо, аз ҷумла варақаҳои корношоямӣ ва маблағҳои иттифоқи касаба | доимӣ | Сармуҳосиб, аудитори дохилӣ |
| 21 | Тақвият додани иҷроиши қонунгузории хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ дар корхона | доимӣ | Сармуҳосиб, директорони филиалҳо, сардори сохторҳо ва шӯъбаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ |
| 22 | Коркард ва татбиқи механизми возеҳи танзими амалиётҳои пуливу молӣ ва нархгузорӣ ба хизматҳои пешкашкунанда | пайваста | Сармуҳосиб, сардори шуъбаи банақшагирӣ-иқтисодӣ |
| 23 | Таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба баланд бардоштани музди маош ва ба некӯаҳволии кормандон равонашуда бо мақсади пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ, андешидани тадбирҳо оид ба таъмин намудани кормандони эҳтиёҷманд бо манзили зист | мунтазам | Муовинони ДГ, сармуҳосиб, директорони филиалҳо, сардорони сохторҳо |
| 24 | Ташкили омӯзиши санаду | ҳар семоҳа | Муовинони ДГ, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | қонунҳои бар зидди коррупсия равоншуда | | сардорони сохторҳо ва шуъбаи шарномавӣ-ҳуқуқӣ |
| **25** | Таҳия ва чоп намудани маводҳои чопию аёнӣ оид ба тарғиби муқовимат ба коррупсия | давоми сол | Сардорони шуъбаи маъмурӣ-хоҷагидорӣ, шуъбаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ |
| **26** | Ҷамъбаст ва пешниҳоди маълумот оиди рафти иҷроиши барнома ва нақшаи чорабиниҳои идоравӣ ба Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати ҶТ | дар мухлатҳои муқаррарнамуда | Сардори шуъбаи шартномавӣ-ҳуқуқӣ |

Сардори ШШҲ Изатуллоев Ш.М.